## 5. ИЛМҲОИ ИЧТИМОИ ВА ГУМАНИТАРӢ
## 5. СОЦИАЛЬНЫЕ И ГУМАНИТАРНЫЕ НАУКИ
## 5. SOCIAL AND GUMANITARY SCIENCES

### 5.2. ИҚТИСОДИЁТ
### 5.2. ЭКОНОМИКА
### 5.2. ECONOMICA

5.2.1. Назарияи иқтисодӣ
5.2.1. Экономическая теория
5.2.1. Economical theory

УДК - 338
ББК 65. 201

# ТАСНИФИ ХУСУСИЯТҲОИ НЕЪМАТҲОИ МУҲИМИ ИҶТИМОӢ ВА ЗАРУРИЯТИ ТАКМИЛИ НИЗОМИ БОЗОРИ ОН

***Азимова Муқадасхон Мухамедовна*** - *муаллимаи калони кафедраи маркетинг – агробизнеси ДДҲБСТ, e-mail:mukaddashon. azimova.69@mail.ru*

# КЛАССИФИКАЦИЯ ОСОБЕННОСТЕЙ ОСНОВНЫХ СОЦИАЛЬНЫХ БЛАГ И ВАЖНОСТЬ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ИХ РЫНОЧНОЙ СИСТЕМЫ

***Азимова Мукадасхон Мухамедовна***- *старший преподаватель кафедры маркетинг - агробизнеса ТГУПБП, e-mail:mukaddashon. azimova. 69@ mail.ru*

# CLASSIFICATION OF THE FEATURES OF THE BASIC SOCIAL BENEFITS AND THE IMPORTANCE OF IMPROVING THEIR MARKET SYSTEM

***Azimova Mukadaskhon Muhamedovna*** - *Senior Teacher of Marketing - Agrobusiness of Tajik State University of Law, Business and Politics, e-mail:* mukaddashon.azimova.69@mail.

***Вожаҳои калидӣ:*** *неъматҳои софи ҷамъиятӣ, неъматҳои софи хусусӣ, неъматҳои омехта, рақобатнопазирӣ, моли ҷамъиятӣ*

*Дар мақола неъматҳои муҳими иҷтимоӣ ва хусусиятҳои он дар низоми иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқот хусусиятҳои неъмати ҷамъиятиро вобаста ба истифодабарӣ, истеъмол ва объекти хариду фурӯш қарор доштан гурӯҳбандӣ намудааст. Инчунин муаллиф соҳаҳои маориф, тандурустиро ҳамчун бахши таъминкунандаи неъмати муҳими иҷтимоӣ мавриди таҳлил қарор додааст, ки аз самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон боқӣ мемонад. Дар қисмати хулоса муаллиф бозорро ба ғайр аз вазифаҳои мубодила, иҷронамоии вазифаҳои дигар ба монанди: вазифаи иттилоотӣ; нархгузорӣ; такрористеҳсол; иртиботӣ; ҳавасмандкунанда ва ғ. баррасӣ намуда, хусусиятҳои моҳияти бозори неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро муайя намудааст.*

***Ключевые слова:*** *чистые социальные блага, частные социальные блага, смешанные блага, конкурентноспособность, общественный продукт*

*В статье рассматриваются основные социальные блага и их особенности в социально-экономической системе страны. В результате исследования автор сгруппировал особенности общественных благ в зависисмости от их использования, потребления и как объект купли продажи. Также, автор рассматривает область образования и здравоохранения как сферу, обеспечивающую социальные блага, которые остаются приоритетными в социальной политике Правительства Таджикистана. В заключении автор определяет другие задачи рынка, помимо обмена: информационная, ценообразовательная, воспроизводительная,агитационная, привлекающая и др.*

***Key words:*** *pure social goods, private social goods, mixed goods, competitiveness, public product.*

*The article discusses the main social benefits and their features in the socio-economic system of the country. As a result of the study, the author grouped the features of public goods depending on the use, consumption and as an object of sale. Also, the author considers the field of education and health as a department that provides social benefits that remain a priority in the social policy of the Government of Tajikistan.*

*In conclusion, the author defines other tasks of the market, in addition to the exchange: information, pricing, reproduction, propaganda, attracting, etc.*

Неъмати ҷамъиятӣ, бахусус неъмати софи ҷамъиятӣ шароит ва омили рушди иқтисоди миллиро тавассути ангезиш додани омилҳои иҷтимоии рушди иқтисодӣ таъмин менамояд. Неъмати софи ҷамъиятӣ ду хусусияти асосӣ (меъёр) - рақобатнопазир набудан ва истисноӣ набуданро доранд, ки барои онро аз неъмати алтернативии хусусӣ ҷудо кардан имкон медиҳанд. Бояд қайд намуд, ки рақобат надоштан (мувофиқ будан, интихоб надоштан, рақобат накардан) ба неъмати ҷамъиятӣ маънои онро дорад, ки истеъмоли он аз ҷониби як шахс истеъмоли шахси дигарро истисно намекунад. Истисно нашудани (тақсимнопазирии) моли ҷамъиятӣ маънои онро дорад, ки истеъмоли мол аз ҷониби як шаҳрванд шаҳрвандони дигарро аз истеъмол хориҷ намекунад.

Неъмати софи хусусӣ ва неъмати софи ҷамъиятӣ ба қутбҳои бениҳоят дури микёси неъматҳои иқтисодӣ шабоҳат доранд, ки ҷойгиршавии онҳо ба як қутби муайян аз рӯи зиёд будани хусусиятҳои неъматҳои хусусӣ ё ҷамъиятӣ муайян карда мешавад. Дар ҳаёти воқеӣ асосан мувофиқати ин ҳудудҳо вуҷуд дорад, ки он дар неъматҳои омехтаи ҷамъиятӣ зоҳир ё инъикос меёбанд.

Ба неъматҳои омехта дараҷаи мухталифи истисно шудан ва қисман кам шудан хос аст (яъне дар ҷараёни истеъмоли онҳо коҳиш меёбанд). Дар асл бошад, неъматҳои омехта дар тафовут аз неъмати софи ҷамъиятӣ неъмати ҷамъиятии истисноӣ аст. Ботафсил хусусиятҳои зерини онро чунин тавсиф кардан мумкин аст:

- истеъмоли муштарак бо интихоб ва инчунин имкони интихоб дар истифодаи он;
- кам шудан дар рафти истеъмол, яъне дар ҷараёни истеъмол он кам мешавад;
- хислати музднок будан, яъне объекти хариду фурӯш мегардад.

Дар амал бошад, аз ҳама бештар неъмати ҷамъиятӣ дар шакли неъматҳои омехта вомехӯрад. Он то сатҳи муайян, яъне ба ном ҳадди ҳудудӣ ғайриистисно мемонад. Берун аз ҳудуди ин сатҳ тадриҷан норасоии неъмати мазкур барои ҳама оғоз меёбад. Ба ибораи дигар, пас аз сатҳи ҳудудӣ раванди истисно кардани истеъмоли дигарон оғоз мешавад: имконияти истеъмоли чунин неъмат аз ҷониби дигарон коҳиш меёбад. Масалан, судмандии истифодаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавҷудбуда ва пешниҳоди хизматрасонии таълимӣ дар минтақа то сатҳи муайян барои ҳамаи истеъмолкунандагон яксхелу баробар боқӣ мемонад.

*Диаграммаи 1.*

*Шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва шумораи хонандагон дар давраи 2014-2021*




*Манбаъ: Маҷмӯаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - С.68-69.*

Аммо дар даврае, ки истеъмолкунандагони нав пайдо мешаванд (ҳангоми афзудани шумораи кӯдакон), аз як лаҳзаи муайян, масалан, ҳангоми истифодаи синфҳо дар мактабҳо норасоии ҷойҳои нишаст барои хонандагон рӯй медиҳад. Дар айни замон падидаи мазкур дар ҷумҳурӣ, махсусан дар минтақаҳои деҳоти ҷумҳурӣ зиёд ба мушоҳида мерасанд.

Масалан, дар давраи солҳои 2014-2021 шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар ҷумҳурӣ ба 84 адад ё 2,1% афзудааст. Шумораи хонандагон бошад, дар давраи баррасишаванда ба 393,2 ҳазор нафар ё 22,9% зиёд шуд. Агар дар соли 2014 ба ҳисоби миёна дар як муассиса 447 нафар рост ояд, пас ба ҳар як воҳиди муассисаҳои афзуда 4680 нафар хонанда рост меояд. (393,2/84).

Ин оид ба афзоиши босуръати шумораи хонандагон дар муқоиса бо шумораи сохтмони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ далолат мекунад ва аз ин рӯ, нарасидани ҷойҳои хонанда дар мактабҳо ба мушоҳида мерасад. Дар ин ҳолат, неъмати изофии ҷамъиятӣ - хизматрасонии маориф то ҳадди муайян хусусият ва аломатҳои неъмати софро соҳиб буд ва дастрасӣ ба он барои ҳама аъзоёни ҷомеа бемузд буд.

Дар мавриде, ки эҳтиёҷ аз сатҳи муқаррарӣ ё мутаносиб болотар шавад, неъмати мазкур хусусият ва аломатҳои неъмати шахсии музднокро ба худ қабул мекунад. Он волидоне, ки даромади пулии хуб доранд, омодаанд барои таҳсили фарзандони худ дар мактаби миёнаи хусусӣ, литсей ё гимназия маблағ пардохт кунанд.

Ҳамин тариқ, мавҷудияти имкониятҳои дигар мушкилоти ба вуҷуд омадаро ҳал карда метавонад. Ба ибораи дигар, мавҷудияти неъматҳои изофии ҷамъиятии музднок пешниҳод ва талаботро ба танзим медарорад, ки истифодаи оқилонаи заминаи моддӣ-техникии истеҳсоли ин намуди неъматро таъмин менамояд ва нигоҳдорӣ ва сифати баланди хизматрасонии онҳоро имкон медиҳад. Гурӯҳҳои неъматҳои ҷамъиятӣ инчунин бо назардошти меъёрҳои таъсири беруна (экстерналӣ) истеҳсол карда мешаванд. Таъсири беруна метавонад ҳам самараи мусбат, масалан, самараи баланд бардоштани сатҳи маърифати аҳолӣ, мустаҳкам намудани саломатӣ, рушди илму фарҳанг ва ғайра, ҳамчунон ва ҳам самараи манфӣ дошта бошад, масалан, зарар ба муҳити зист ва солимии инсон вобаста ба воридкунии истеҳсолот ва технологияҳои номукаммали экологӣ. Ин самараҳо ҳамзамон аз рӯи ҳаҷм ва давраи амали таъсири худ гуногун мебошанд. Бо назардошти миқёс ва давраи таъсири намудҳои зерини неъматҳои ҷамъиятии гуногунро тасниф карда мешаванд:

Самараи беруна метавонад бо неъмати истисношаванда (музднок)-и истеъмоли муштарак мувофиқат кунад. Вобаста ба ин, низоми неъматҳои ҷамъиятӣ ба якум неъматҳои муҳими иҷтимоӣ ва дувум неъматҳои (хизматрасониҳо)-и соҳаҳо бо инҳисории табиӣ тасниф карда мешаванд. Неъматҳои муҳими иҷтимоиро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Маориф, соҳаҳои иҷтимоӣ - фарҳангӣ ва тандурустӣ, ки самараи баланди иҷтимоӣ доранд, ба неъматҳои муҳими иҷтимоӣ дохил мешаванд. Истеъмоли ин неъматҳо, пеш аз ҳама, вобаста ба ҳадафҳои сиёсӣ ё иҷтимоии ҷомеа зарур ва матлуб маҳсуб мешавад. Ғайр аз ин, неъматҳои мазкур ба доираи эҳтиёҷоти якумдараҷа, яъне эҳтиёҷоти ҳаётан муҳим дохил карда шудаанд. Бинобар ин, барои неъматҳои мазкур принсипи истисно шудан ба осонӣ муқаррар карда мешавад ва вобаста ба ин, истеҳсол ва таъминоти он дар заминаи механизми бозор ташкил карда мешавад. Аммо, низоми бозор, яъне субъектҳои бахши хусусӣ ба ин манфиатдор нестанд ва онҳоро ба миқдори кофӣ истеҳсол нахоҳанд кард. Аз ин рӯ, ҳукумат истеҳсолот ё маблағгузории онҳоро ба зиммаи худ мегирад, то ки ба пайдоиши эҳтимолии тақсимоти ками захираҳо ба ин соҳа роҳ надиҳад. Ба ибораи дигар, вобаста ба он, ки ин неъматҳо барои ҷомеа таъсири назаррас доранд, давлат истеҳсоли онҳоро ба зиммаи худ мегирад.

Масалан, хизматрасонии тиббӣ неъмати аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим маҳсуб мешавад, истеҳсол ва пешниҳоди хизматрасонии мазкурро метавон дар заминаи механизмҳои бозорӣ ташкил кард. Ин талаботи аслан воқеии аҳолӣ аст. Аммо тибқи принсипҳои бозор, танҳо онҳое, ки хизматрасониро пардохт карда метавонанд, аз хадамоти тиббӣ ва хидматрасонӣ истифода мебаранд. Масалан, дар ҷумҳурӣ ҳаҷми хизматрасонии музднoки тиббӣ дар давраи аз соли 2015 то соли 2020 беш аз 1,8 маротиба афзоиш ёфтааст.

Тибқи маълумоти дар ҷадвали 1. овардашуда, афзоиши ҳаҷми хизматрасонии музднoки муассисаҳои давлатии соҳаи тандурустӣ нисбат ба ҳаҷми хизматрасонии бахши ғайридавлатӣ назаррас аст. Зеро айни замон дар ҷумҳурӣ ҳиссаи моликияти давлатӣ дар ин соҳа афзалият дорад ва табиист, ки онҳо, пеш аз ҳама, барои татбиқи манфиатҳои кормандони соҳаи тиб истифода мешаванд. Рушди соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи солимии аҳолӣ, ки яке аз бахшҳои муҳим мебошад, минбаъд низ ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон боқӣ мемонад.

Тайи 30 соли истиқлоли давлатӣ ҷиҳати беҳтар намудани солимии сокинони кишвар ва ба роҳ мондани фаъолияти самарабахши ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ усулҳои муосири ташхису табобат роҳандозӣ гардида, нерӯи зеҳнии соҳа ва инфрасохтори муассисаҳои тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ таҳким ва тавсеа пайдо кард[1].

Афзоиши ҳаҷми хизматрасонии музднокӣ тиббӣ ба афзоиши даромади пулии аҳолӣ вобаста аст. Дар давраи аз соли 2015 то 2020 даромади пулии аҳолӣ 2,5 маротиба, ҳаҷми пасандозҳо - 1,6 маротиба ва даромади воқеии як корманд - 2,6 маротиба зиёд шудааст[2].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасониҳои тандурусти нигаҳдории тандурустии давлатӣ ройгон мебошад. Дар моддаи 38 -и Конститусия қайд карда шудааст, ки “шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун аз ёрии тиббии ройгон дар муассисаҳои нигаҳдории тандурустии давлатӣ истифода менамояд”[3]**,** аммо, бинобар вуҷуд доштани маҳдудияти захираҳои бкуҷети давлатӣ афзоиши хизматрасонии музднокӣ тиббӣ мушоҳида мешавад, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ чандон ба мақсад мувоффиқ нест, чунки, на ҳама шаҳрвандон қобилияти пардохтпазирӣ доранд. Дар натиҷа ин ба саломатии миллат зарар расонида метавонад. Аз ин рӯ, дар аксарияти кишварҳои мутараққии дорои иқтисоди бозорӣ суғуртаи ҳатмии тиббӣ ҷорӣ карда шудааст, ки он аз ҳисоби маблағгузориҳои давлатӣ амалӣ карда мешавад.

*Ҷадвали 1.*

*Суръати афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои музднокӣ тиббӣ ва осоишгоҳи - солимгардонӣ аз рӯи шакли моликият (млн. сомонӣ)*

| | *2015 сол* | *2016 сол* | *2017 сол* | *2018 сол* | *2019 сол* | *2020 Сол* | *Соли 2020 бо % нисбат ба соли 2015* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ хизматрасонии тиббии музднок** | 371,0 | 402,9 | 447,1 | 490,7 | 628,9 | 687,9 | 185,4 |
| *аз он ҷумла: моликияти давлатӣ* | 105,9 | 137,1 | 152,2 | 185,0 | 242,1 | 217,8 | 205,6 |
| *моликияти ғайридавлатӣ* | 265,1 | 266,8 | 294,9 | 305,7 | 306,8 | 461,1 | 173,9 |
| **Осоишгоҳӣ-солимгардонӣ** | 47,3 | 38,8 | 43,4 | 48,1 | 63,7 | 29,7 | 62,7 |
| *аз он ҷумла: моликияти давлатӣ* | 26,1 | 21,1 | 21,6 | 24,7 | 26,6 | 13,9 | 53,2 |
| *моликияти ғайридавлатӣ* | 21,2 | 17,7 | 24,8 | 23,4 | 37,1 | 15,9 | 75 |

*Манбаъ: Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. С – 645.*

Чи тавре, ки маълумоти ҷадвали 1. нишон медиҳад дар мамлакат дар давраи солҳои 2015-2020 ҳаҷми хизматрасонии тиббии пулакӣ беш аз 85,4% афзудааст. Аммо ҳарчанд ҳиссаи хизматрасониҳои тандурустии давлатӣ дар ҳаҷми умум зиёд нест, аммо сурати рушди он баланд аст, дар давраи таҳлилӣ беш аз 2 маротиба зиёд шудааст. Ин оид ба тамоюли мусбии давлати иҷтимоӣ шаҳодат медиҳад.

Мутобиқи моддаи 41 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад. Таълими умумии асосӣ ҳатмист. Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад. Ҳар кас дар доираи муқаррарнамудаи қонун метавонад дар муассисаҳои таълимии давлатӣ маълумоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад.” Мутобиқи моддаи 38 “Ҳар шаҳрванд ба ҳифзи саломатӣ ҳуқуқ дорад. Ҳар шаҳрванд дар доираи муқаррарнамудаи қонун аз кӯмаки тиббии ройгон дар муассисаҳои давлатии тиббӣ истифода мебарад**”** [4].

Давлат озодиҳои истеъмолкунандагонро бо мақсади ҳифз аз худашон маҳдуд мекунад. Аз ин рӯ, асосан ду усули пешниҳоди неъматҳои муҳими иҷтимоиро тасниф мекунанд: **усули якум** - аз ҷониби давлат (муассисаҳои давлатӣ) пешниҳод намудани неъматҳои муҳими иҷтимоӣ. Аммо ин амал то сатҳи иҷтимоие, ки дар Конститутсия собит шудааст, анҷом дода мешавад ва берун аз ин сатҳ ба таври музднок ба субъектҳои бахши хусусӣ ё субъектҳои ғайридавлатӣ пешниҳод карда мешавад.

Аз ин рӯ, дар **усули дуюм** - ташкили пешниҳоди хусусии неъматҳои муҳими иҷтимоӣ: а) дар асоси шартнома байни ташкилоти ҷамъиятӣ ва корхонаҳои хусусӣ; б) тариқи додани иҷозатнома ба субъектҳои бахши хусусӣ барои истифода кардани фаъолияти иқтисодӣ вобаста ба намудҳои алоҳидаи неъматҳои омехтаи ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад.

Маълумоти оморӣ дар бораи хароҷоти мушаххаси ҷамъиятӣ барои истеҳсоли онҳо тасаввуроти тахминиро дар бораи таносуби байни намудҳои гуногуни неъматҳои муҳими иҷтимоиро пешниҳод мекунанд. Масалан, дар охири асри XX дар ИМА ҳиссаи хароҷоти давлатӣ дар ММД барои неъматҳои софи ҷамъиятӣ 9,1%, барои неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим - 6,1% ва бо воридкунии пардохтҳои иҷтимоӣ - 17,8%, барои неъматҳои сунъии ҷамъиятӣ - 4,5% (барои инфрасохтори истеҳсолӣ ва соҳаҳои инҳисори табиӣ) ташкил карда буданд. Дар Германия дар ҳамин давра барои неъматҳои софи ҷамъиятӣ 8,2% ММД, ба неъматҳои муҳими иҷтимоӣ (аз ҷумла трансфертҳои иҷтимоӣ) - 31,2%, ба неъматҳои воқеии иҷтимоӣ - 13,3%, ба дигар неъматҳои ҷамъиятӣ - 4,6% сарф карда шуда буд. Чунин манзара дар кишварҳои дигари аз ҷиҳати саноатӣ тараққикарда мушоҳида мешавад. Ин вазъият шаҳодати он аст, ки неъматҳои муҳими иҷтимоӣ дар хароҷоти давлатӣ дар мақоми аввал, неъматҳои софи ҷамъиятӣ дар мақоми дуюм ва неъматҳои ҷамъиятии дигар дар мақоми сеюм қарор доранд.

*Диаграммаи 2.*

*Хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои муҳими иҷтимоӣ (млн. сомонӣ)*




*Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - С.335- 653.*

Дар Ҷумхурии Тоҷикистон соли 2020 нисбат ба соли 2014 аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба соҳаи маориф 1,8 маротиба, барои тандурустӣ - 2,6 маротиба, чорабиниҳои фарҳангӣ - 2 маротиба зиёдтар маблағ ҷудо карда шуд. Ҳамзамон соли 2020 ба ин соҳаҳо, яъне барои пешниҳоди неъматҳои муҳими иҷтимоӣ зиёда аз 9,5% (5,2 +3,1 +1,2) ММД-и кишвар ё 31,6% (17,3 + 10,4 + 3,9) буҷети ҷумҳуриявӣ равона карда шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки дар Ҷумхурии Тоҷикистон воқеияти равандҳои самти иҷтимоии хоҷагии халқ мушоҳида карда мешавад. Вале дар шароити нав (дар амалияи иқтисоди бозорӣ) ташаккули воқеияти муайяне лозим аст, ки барои тағйир додани шакли анъанавии то ҳол мавҷудбудаи ба ном табиати ғайрибозорнии истеҳсолот ва тақсимоти неъматҳои ҷамъиятӣ водор мекунад. Имрӯз, ба андешаи мо, бояд қолабҳо ё тарҳҳои нави бозори аҳамияти иҷтимоӣ дошта ташаккул дода шаванд.

Тавсифи чунин сифатҳо ва ё зуҳурот дар асарҳои олимони ватанӣ инъикос ёфтаанд. Масалан, дар монографияи коллективии кормандони Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, ки зери таҳрири илмии академик Каюмов Н. ба нашр расидааст, қайд карда мешавад, ки ғани гардидани иқтидории илмии ҷомеа бевосита бо тавассути таъсири самараи берунаи он дар ҷомеа табақаи саноатчиён афзун шуда таффакури индустриалии аъзоёни ҷомеа васеъ мегардад[5].

Муҳақиқи дигари тоҷик Субҳонов А.И[6] афзудааст, ки пайваста бо рушди сатҳи маълумотнокии аҳоли сифати гузариши демографи бехтар шуд дар бозори меҳнат сегменти тахасусии қувваи кори меафзояд. Ин натиҷаи самараҳои мусбии рушди низоми маорифи миллӣ , бахусус рушди низоми таҳсилоти касбии мамлакат мебошад. Дар монография Мирсаидов А.Б., Бобиев А.Қ. – “Рыночная тансформации системы высшего образование в Таджикистане (механизмы повышение

конкурентоспособности қайд шудааст, ки новобаста аз он, ки беш аз 70%- и таҳсилоти олии касбӣ бо тариқи шартнома сурат мешгирад, яъне сифати тиҷоратӣ дорад, сифр муносибатҳои бозорӣ гирифтааст, аммо таҳсилгирандагони он минбаъд на танҳо самараҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба даст меоранд, балки бо туфайли самараҳои мусбии берунаи низоми таҳсилоти олии касбӣ дар кишвар табақаи зеҳнӣ ташаккул меёбад, ки он омили рушди ояндаи иқтисоди миллӣ мебошад[7].

Ҳамин тариқ, табиати неъматҳои муҳими иҷтимоӣ ба табиати неъматҳои ҷамъиятӣ шабоҳат дорад: онҳо ба истеъмолкунандагон ройгон ё бо нархҳое пешниҳод карда мешаванд, ки хароҷоти истеҳсолии онҳоро пӯшонида наметавонанд. Аммо ба самараи берунаи ин хизматрасонӣ фоида ва хароҷот дохил мешавад, ки дар низоми нархҳои дар бозор ташаккулёфта инъикос намешаванд. Масалан, хизматрасонии таълимӣ ба зумраи неъматҳои маъмулии муҳими иҷтимоӣ дохил мешавад. Зеро истеъмоли хизматрасонии мазкур на танҳо ба сармояи инсонӣ, бевосита ба шахси алоҳида, балки ба сатҳи некӯаҳволии аъзоёни дигари ҷомеа таъсири мусбӣ мерасонад, ки дар маҳсулнокии баланди меҳнат, афзудани сифати маҳсулот ва хароҷоти нисбатан пастшавандаи истеҳсол зоҳир мешавад[8].

Чунин хусусиятҳоро соҳаи хизматрасонии тиббӣ низ соҳиб аст. Қайд кардан зарур аст, ки оид ба масъалаи дохил намудани маориф ба неъматҳои ҷамъиятӣ ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Масалан, бархе олимон қисми хизматрасонии таълимӣ - таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаро ба неъматҳои ҷамъиятӣ ва таҳсилоти олӣ, аспирантура, касбӣ ба неъматҳои сунъии давлатӣ дохил мекунад[9]. Олими амрикоӣ С.Фишер таъкид мекунад, ки ғамхории давлат оид ба истеъмоли неъматҳои зарурӣ ҳамкориро бо бахши тиҷоратӣ истисно намекунад[10].

Муайян кардани хусусиятҳои хос ва меъёрҳои асосии бозори неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим мундариҷаи неъматҳои муҳими иҷтимоиро ба таври васеъ ошкор мекунад. Ҳамзамон меъёрҳои пешниҳодшудаи олимони рус Е.Г.Гушина, В.В. Шиховетс[11] низ қобили қабуланд, зеро аксарияти бозорҳои мавҷуда самти иҷтимоӣ доранд ё метавонанд як унсури аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро дошта бошанд (нигар ба ҷадвали 3.).

Дар бозори неъматҳои муҳими иҷтимоӣ нархҳо нақши махсусро мебозанд ва бо хусусияти ташаккулёбии талабот ва пешниҳоди неъматҳои ҷамъиятӣ муайян карда мешаванд.

*Ҷадвали 3.*

*Хусусиятҳои моҳияти бозори неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим (БИМ)*

| *Тавсифоти БИМ* | *Меъёрҳои асосии БИМ* | *Таърифи БИМ* |
|---|---|---|
| *- талаботи инсон ва дар маҷмуъ ҷомеаро дар неъматҳои моддӣ ва маънавӣ қонеъ мекунад;*<br>*- истеъмоли мол ва хизматрасонии иҷтимоии муҳимро барои қисмати зиёди аҳолӣ таъмин мекунад;*<br>*барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, баландшавии сатҳи некӯаҳволӣ мусоидат мекунад;*<br>*- вазифаҳои худро бо дастгирии назарраси давлатӣ амалӣ мекунад;*<br>*- мақсад зиёд кардани миқёси самараи мусбӣ аз истеъмоли неъматҳои мазкур;*<br>*- зарурати ҳамкориро бо бозорҳои молҳои ҳамшафати аҳамияти иҷтимоӣ дошта ба вуҷуд меорад.* | *- моҳияти амбивалентии неъмат, ки аҳамияти ҷамъиятӣ ва инфиродӣ дорад;*<br>*- миқёси самараи мусбати берунаи ташкилшаванда*<br>*- дараҷаи баланди иштироки давлат дар танзими бозори мазкур, ки дар ташаккули меъёрҳо, механизми нархгузорӣ дар таъмини кафолати гирифтани фоида ифода меёбад.* | *Низоми муносибатҳои иқтисодӣ оид ба мубодилаи иттилооти неъмати махсуси ҷамъиятӣ, ки аҳамияти иҷтимоии он бо дараҷаи баланди фарогирии истеъмолкунандагон, миқёси калони самараи берунаи ташкилшаванда ва нақши ҷиддии давлат дар ҷараёни фаъолият ва танзими бозорҳои аз ҷиҳати иқтисоди муҳим.* |

*Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

Аммо дар ин маврид навъҳои онҳо ба назар гирифта мешаванд, зеро вобаста ба қисмати бахши давлатӣ дар нархгузорӣ тафовут вуҷуд дорад. Тартиби нархгузорӣ барои неъмати софи ҷамъиятӣ аз неъматҳои омехтаи ҷамъиятии шаклҳои гуногун фарқ дорад. Неъмати софи ҷамъиятӣ аз тарафи ҳамаи аъзои ҷомеа истеъмол мешавад ва онҳое, ки ба харидории он омода нестанд, аз истеъмол хориҷ карда намешаванд. Масалан, барои неъматҳои софи ҷамъиятӣ, вақте ки он бемузд аст, тавозуни талабот ва пешниҳоди онҳо на ба воситаи механизми нарх, балки бо механизми қабули тасмимҳо муқаррар

мегардад, ки ба онҳо дохил мешавад: а) риоя кардани тавозуни андозӣ дар асоси тавозуни даромадҳои андоз ва ҳаҷми маблағгузорӣ; б) муқаррар кардани реҷаи самаранокӣ тавассути истифодаи кортҳо (чиптаҳо, купонҳо) ва тартиби гирифтани неъматҳои давлатӣ; в) истифодаи ташкилоти иҷтимоии овоздиҳӣ (бо истифодаи низоми умумии интихоб). Тавозуни талабот ва пешниҳоди баъзе неъматҳои омехтаи ҷамъиятӣ, аз ҷумла неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим бо истифода аз нарх муқаррар карда мешавад.

Ҳамин тариқ, қисматҳои гуногуни бахши ҷамъиятӣ бо таносуби гуногуни танзими нархӣ ва ғайринархӣ тафовут доранд. Барои як қисмати бахши давлатӣ, ки ба неъматҳои ҷамъиятии соф ва муҳими иҷтимоӣ муҳим одатан танзими ғайринархӣ хос аст. Дар мавриди қисматҳои бахши ҷамъиятӣ вобаста ба истеҳсол ва истеъмоли маҳсули монополияи табиӣ ва неъматҳои истиношавандаи ҷамъиятӣ, дар муқарраркунии тавозуни талабот ва пешниҳод танзими нархгузорӣ нақши ҷиддиро мебозад.

ПАЙНАВИШТ


1. Маҷмӯаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - С.68-69.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 21.12.2021, шаҳри Душанбе, с.29
3. Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ маҷмӯаи оморӣ, ш. Душанбе, 2021, с.191-201;645
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021, с 34
5. Конститутсиия Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, «Шарки озод». 2001. – С.7.
6. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - С.335- 653.
7. Каюмов Экономический и научно-технический потенциал инновационного развития Республики Таджикистан: современное состояние, проблемы и перспективы развития (коллективная монография). – Душанбе, 2018. - С. 460, (С. 3-67).
8. Демографическое развитие и рынок труда Таджикистана в условиях рыночной экономики//Евразийский юридический журнал, 2016. - №1 (92).ISSN. С. 210-213 , с 216
9. Мирсаидов А.Б. Бобиев А.Қ. Рыночная трансформации системы высшего образование в Таджикистане (механизмы повышение конкурентоспособности), монография, Душанбе – 2017 , 239с., с 46-47.
10. Стиглиц. Дж., «Экономика государственного сектора», Инфра-М, Москва, 1997 г. С.78.
11. Фишер С., Дорнбуш Р., Шмалензи Р. «Экономика», «Дело», Москва, 1993 г, 123 с.


REFERENCES


1. Majmuai omori Jumhurii Tojikiston, 2021. - pp.68-69.
2. Payomi Prezidenti Jumhurii Tojikiston, Peshvoi millat muhtaram Emomali Rakhmon “Dar borai samtkhoi asosii siyosati dohili va khorijii Jumkhuri” 12/21/2021, shakhri Dushanbe, p.29
3. Tojikiston: 30 salts istiqloliyati davlati maJmuai omori, sh. Dushanbe, 2021, pp.191-201; p.645
4. Constitution of Yumquria Tojikiston, 2021, p. 3
5. Constitution of Jumhuriya Tojikiston sh. Dushanbe, "Sharki ozod". 2001. - P.7.
6. Omori solonai Jumhurii Tojikiston, 2021. - pp.335-653.
7. Kayumov Economic and scientific and technical potential of innovative development of the Republic of Tajikistan: current state, problems and development prospects (collective monograph). - Dushanbe, 2018. - P. 460, (pp. 3-67).
8. Demographic development and the labor market of Tajikistan in a market economy // Eurasian Law Journal, 2016. - No. 1 (92). ISSN. pp. 210-213, p. 216
9. Mirsaidov A.B. Bobiev A.M. Market transformation of the higher education system in Tajikistan (mechanisms for increasing competitiveness), monograph, Dushanbe -2017, 239p., pp. 46-47.
10. Stiglitz. J., "The Economics of the Public Sector", Infra-M, Moscow, 1997, p.78.
11. Fischer S., Dornbusch R., Schmalenzi R. "Economics", "Delo", Moscow, 1993, 123 p.